Ба Шурои диссертатсионии 6D/КОА-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ.**

Дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва густариши бо суръати технологияҳои рақамӣ сиёсати иттилоотӣ ба яке аз омилҳои калидии таъмини самаранокии идоракунии давлатӣ мубаддал гардидааст. Тағйирёбии муҳити сиёсиву иҷтимоӣ, рушди воситаҳои иртиботӣ ва афзоиши талаботи ҷомеа ба шаффофият, дастрасӣ ба иттилоот ва иштироки шаҳрвандон дар равандҳои сиёсӣ зарурати такмили низоми сиёсати иттилоотиро ба миён овардааст. ҶумҳурииТоҷикистон низ ҳамчун давлати рӯ ба рушди муосир дар шароити рушди рақамикунонии идоракунии давлатӣ ба таҳкими сиёсати иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро яке аз воситаҳои муҳими баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ, таҳкими робитаи давлат ва ҷомеа, таъмини амнияти иттилоотӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ арзёбӣ менамояд.

Автореферати диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба ҳамин гуна масъалаи муҳими илмҳои сиёсӣ ва амалияи муносибатҳои сиёсиву ташаккули тарҳи нави сиёсати иттилоотии давлат дар шароити нави иттилоотӣ ва тавсеаи воситаҳои иттилоотрасонӣ мешавад. Автореферати диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф аз муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат буда, дар ҳаҷми 86 саҳифаи матни чопӣ бо забони тоҷикӣ ва забони русӣ иҷро шудааст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотиро асоснок намудааст. Ба андешаи муаллиф масъалаи сиёсати иттилоотӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми татбиқи сиёсати имрузаи давлат баҳри самаранок гардонидани равандҳои сиёсӣ, низоми

идоракунии давлатӣ, фаъолияти ҳокимият ва каммуникатсияи оммавӣ, иртиботи байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳисоб мераванд.

Мубрамии таҳқиқи мавзуъ бештар ба он равона гардидааст, ки истифодаи самараноки дастовардҳои илмиву техникии муосир, махсусан технологияҳои рақамӣ ва иттилоотӣ ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими зарфияти идорӣ, баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва таъмини рушди устувори иттилоотӣ шинохта мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти стратегӣ ва зарурати сиёсиву таърихии ин раванд, гузариш ба марҳилаи сифатан нави ташаккули низоми давлатдорӣ, ки дар он иттилоотонӣ, рақамикунонӣ ва низоми иттилоотӣ ҷойгоҳи калидӣ доранд, на танҳо хоси давраи муосир аст, балки шарти муҳимми таъмини рақобатпазирии миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти иттилоотии кишвар ба шумор меравад.

Дар автореферати диссертатсия дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ дар асоси гурӯҳбандии адабиёти илмӣ ба панҷ қисми тасниф гардида, сатҳи коркард вобаста ба таҳқиқоти олимону мухаққиқони соҳаҳои гуногуни илм оварда шудааст. Олимон дар асарҳои илмию таҳқиқотии худ ба масъалаи сиёсати иттилоотӣ ва хусусиятҳои таҳияи он дар шароити рушди воситаҳои иттилоотӣ ва тақвияти аҳаммияти онҳо дар сиёсат ва раванди идоракунии давлатӣ, қабули қарори сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Дар тавсифи умумии таҳқиқот мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, ҳолатҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра инъикос ёфтанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба таври мушаххас пешниҳод гардидааст. Онҳо, пеш аз ҳама, дар таҳия ва таҳлили мукаммали заминаҳои назариявӣ-методологии сиёсати иттилоотӣ ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқот моҳият, хусусият ва марҳалаҳои эволютсионии назарияҳои сиёсати иттилоотӣ бо назардошти тағйироти муосири ҷомеаи иттилоотӣ ба таври илмӣ асоснок гардида, сиёсати иттилоотии давлат ҳамчун унсури муҳими идоракунии давлатӣ мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони « Заминаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи сиёсати иттилоотӣ » ба омӯзиши моҳият, хусусият ва таҳаввули назарияҳои сиёсати иттилоотӣ, инчунин нақш ва хусусиятҳои сиёсати иттилоотии давлат бахшида шудааст.

Боби дуюм таҳти унвони «Сиёсати иттилоотӣ ва воқеияти он дар замони соҳибистиқлолӣ » масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ

ва таҷрибаи татбиқи сиёсати иттилоотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Боби сеюми рисола таҳти унвони « Сиёсати иттилоотӣ дар раванди идоракунии ҷомеаи Тоҷикистон » ба таҳқиқи таъсири иттилоотикунонӣ ба самаранокии идоракунии давлатӣ ва муайян намудани дурнамо ва самтҳои асосии рушди сиёсати иттилоотӣ дар Тоҷикистон равона гардидааст.

Дар хулосаи рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии бадастомада ҷамъбаст гардида, хулосаҳои илмии муаллиф ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳия ва татбиқи сиёсати иттилоотӣ вобаста ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудаанд.

Автореферат ва корҳои илмии муаллиф, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи ватанӣ батабъ расидаанд, мазмун ва натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври кофӣ ва мукаммал инъикос намуда, аз мувофиқати онҳо бо матни диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

Бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, сатҳи баланди таҳлил, мукаммалии хулосаҳо ва мувофиқати рисолаи диссертатсионӣ ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионӣ, метавон хулоса намуд, ки автореферати диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба ҳамаи талаботи ҷойдошта ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:номзади илмҳои сиёсӣ**
**Ашурзода Ҷамшеди Хуршед** ____________

Суроға. 735330, ҶумҳурииТоҷикистон,
ш. Бохтар, кучаи Айни 110
МҒТ Коллеҷи тиббӣ-инноватсионии шаҳри
Бохтар ҶСК “Саодат”
Тел: 992 918-64-00-05
E-mile: Ashurzoda91@list.ru

Имзои Ашурзода Ҷ.Х., тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МҒТ Коллеҷи тиббӣ-инноватсионии шаҳри
Бохтар ҶСК “Саодат”
“_6_” ___05___ соли 2026.